**Ширкати мустаъқили аудитории ҶДММ «Шарк Аудит»**

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАЪҚИЛ

**Ба Саҳомон ва Шурои директорони**

**ҶДММ Ташкилоти** Амонатии Карзии Хурди «Фазо С»

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи ҶДММ Ташкилоти Амонатии Карзии Хурди «Фазо С»-ро (минбаъд ТАҚХ), ки иборат аз ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба саннаи 31 декабри соли 2018, ҳисобот оиди фоидаи маҷмуӣ, ҳисобот оиди таъғирёби дар сармоя ва ҳисобот оиди гардиши маблағҳои пулӣ барои соли 2018 дар санаи 31 декабр анҷом ёфта, инчунин принсипҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар эзоҳоро, гузаронидем.

Роҳбарияти ТАҚХ барои тайёр намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии мазкур дар мувофика бо Стандартҳои Байналхалқии Ҳисботи Молиявӣ масъулиятро ба душ дорад. Масъулияти мазкур иборат аст аз: коркардабарой, ҷорӣ сохтан ва дастгирӣ намудани низоми назорати дохилӣ бо максади таъмини шароити мусоид бахри дуруст тайёр ва пешниход намудани ҳисоботи молиявӣ, ки холи аз хатогиҳои назарраси дар натиҷаи эътимодона кор накардан ва ё хатогиҳои тасодуфӣ рухдода ба амал омадаанд, интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати ҳисобдории муносиб; инчунин истифода бурдани баҳодиҳии муҳосибии асоснок мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда.

Масъулияти мо аз он иборат аст, ки ақидаи худро дар асоси аудити гузаронидаамон баён созем. Мо аудитро дар мувофика бо Стандартҳои Байналхалқии Аудит гузаронидем. Стандартҳои мазкур аз мо риояи қоидаҳои этикаи аудиториро талаб мекунанд, инчунин банақшагирӣ ва гузаронидани аудит бояд чунон бошад, ки мо боварии комил ҳосил намоем, ки ҳисоботи молиявӣ аз хатогиҳои назаррас холӣ аст.

Аудит гузаронидани амалиетҳоеро, ки ба дастрас намудани далелҳои тасдиққунандаи маълумотҳои рақамӣ ва эзоҳои дар ҳисоботи молияви буда равона шудаанд, дар бар мегирад. Интихоби ин амалиётҳо аз ақидаи аудитор, аз чумла аз хавфи ба вукуъ омадани хатоҳои назаррас дар ҳисоботи молиявӣ дар натичаи аз руи вичдон кор накардан ва ё хато кардан пайдо мешаванд, вобаста аст. Ҳангоми баходиҳии хавфҳои мазкур, барои интихоб намудани амалиёти муносиб, аудитор низоми назоратӣ дохилиро, ки таъминкунандаи тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии дуруст мебошад, ба инобат мегирад. Дар баробари ин, аудитор вазифадор нест, ки ақидаи худро оиди пурсамар будани низоми назорати дохили баён намояд. Аудит, аз чумла, баҳодиҳии дурустии принсипҳои истифодашудаи муҳосибӣ ва асоснок будани нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ, ки роҳбарият ба ҳисоб гирифтааст, инчунин баҳодиҳии пешниҳоди ҳисоботи молиявиро ба таври комил, дар бар мегирад.

Мо боварӣ дорем, ки далелҳои дар вақти гузаронидани аудит ба даст омада барои баёни хулосаи мо оиди ҳамаи паҳлӯҳои назарраси ҳисоботи молиявӣ асоси кофиро медиҳанд. Ба ақидаи мо ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, умуман ҳолати молиявии ТАҚХ-ро дар саннаи 31 декабри соли 2018, инчунин натиҷаи фаъолияти он ва гардиши маблағҳои пулиро дар тули соли аудитшуда, ки 31 декабр ба охир мерасад, мувофиқи талаботи ҳисобдорӣ нишон медиҳад.

ҶДММ «Шарқ Аудит»

Иҷозатномаи БМТ №66 аз 15.04.2014 с. бо мӯхлати амал то 15.04.2019, Шаҳодатномаи бақайдгирии № 0009168 Кумтаи Андоз дар назди Ҳукумати ҶТ аз 16 сентябри соли 2009

735400, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Айни 329/3, тел. (99291) 927 77 05, *e-mail: aisamtov@yahoo.com*

Исматов А.Ҳ.

Раиси Раёсат, Шаҳодатномаи №68 аз 15 апрели соли 2014
Душанбе